# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллои Рӯдакии АМИТ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 14.05.2024, №__

Барои сазовор донистани Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек дар мавзуи «Вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз руйи ихтисоси 10.02.00 - Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2022, таҳти №307) ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек 2 июни соли 1969 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2010 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси филолог-муаллим хатм кардааст. Солҳои 2018-2023 ҳамчун унвонҷӯйи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ба пажуҳиш машғул будааст.

Мавсуф солҳои 1998 то 2006 омӯзгори фанни забон ва адабиёт дар мактаби миёнаи № 9 ва № 10 ноҳияи Ёвон ва аз соли 2006 то 2017 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №76 ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, аз соли 2017- 2021 муаллимаи забони тоҷикӣ дар Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ фаъолият кардааст. Аз соли 2021 то 2023 ба ҳайси омӯзгор ва роҳбари иттиҳодияи кафедраи забон ва адабиёт дар Гимназияи №4 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе кор кардааст. Аз моҳи марти соли 2024 то имрӯз дар шуъбаи маорифи ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе фаъолият дорад.

Диссертатсия дар шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи АМИТ **Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло.**

**Муқарризони расмӣ: Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм** – доктори илмҳои филологӣ, ноиби Президенти АМИТ ва **Юсупов Абдулло Исмоилович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи

давлатии тиббии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шерализода Адолат Шералӣ, эксперт - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи мазкур Раҳмонов Бахтиёр Нурмаҳмадович, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодов Аҳлиддин Ибодулло пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек дар мавзуи «Вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳо таълиф кардаанд, ки муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ ба чоп расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос карда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Ҷурабекзода Ф. Ҷ. Омофонҳо дар забони тоҷикӣ [Матн] / Ф.Ҷ. Ҷурабекзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе, 2020, -№4. - С. 18-22.

[2-М ]. Ҷурабекзода Ф. Ҷ. Баррасии истилоҳоти хешутаборӣ дар осори устод Рӯдакӣ [Матн] / Ҷурабекзода Ф. Ҷ. // Суханшиносӣ (Маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ). -Душанбе, 2022, -№1. – С. 85-93.

[3-М]. Ҷурабекзода Ф.Ҷ. Баррасии сифатҳои мураккаб дар осори Рӯдакӣ [Матн] / Ф. Ҷ. Ҷурабекзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои филологӣ). -Душанбе, 2022, -№9. – С. 34-39.

[4-ҲМ]. Раҳматуллозода С.Р., Ҷурабекзода Ф.Ҷ. Истифодаи узвҳои инсон дар осори Рӯдакӣ [Матн] / Раҳматуллозода С. Р., Ҷурабекзода Ф. Ҷ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои филологӣ) . -Душанбе, 2023 №6. -С. 5-10.

[5-М]. Ҷурабекзода Ф.Ҷ. Калимаҳои мураккаби исмӣ дар осори Абуабдулло Рӯдакӣ. // Суханшиносӣ (Маҷаллаи илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ). -Душанбе, 2023, -№4. – С. 85-95.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[6-М ]. Ҷурабекзода Ф. Ҷ. Таҳқиқи як қабати луғавӣ дар осори Абуабдулло Рӯдакӣ [Матн] / Ф. Ҷ. Ҷурабекзода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии забони модарӣ (21-ми феврали соли 2022) дар мавзуи «Истиқлолияти давлатӣ ва рушди забони модарӣ». -Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2022. –С. 112-117.

[7-М]. Ҷурабекзода Ф. Ҷ. Калимаи "дил" дар ашъори устод Рӯдакӣ [Матн] / Ф. Ҷ. Ҷурабекзода // Забон донӣ ҷаҳон донӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ "Саҳми Пешвои миллат дар тақвияти забони тоҷикӣ дар арсаи байналмилалӣ", рӯзи байналмилалии забони модарӣ, 35-солагии Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30-солагии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, 70-солагии корманди шоистаи Тоҷикистон Шокириён Туғрал Сироҷзода. –Хуҷанд, 2023, саҳ. 567-574.

**Ба автореферати диссертатсия муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид гардидаанд:**

1. **Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессор, мушовири илмии кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Қосимов Олимҷон Ҳабибович мусбат буда, дар баробари зикри мазоёи диссертатсия ду эрод дорад:

1. Дар забони тоҷикӣ ҳар як ҳиссаи нутқ тарз ва воситаҳои махсуси калимасозӣ дорад ва ба андешаи мо диссертант метавонист, ки аз роҳҳои калимасозии забони тоҷикӣ вобаста ба ҳиссаҳои нутқ такя менамуд.

2. Дар кор аз ҷадвалу гарафикҳо кам истифода шудааст. Дар замони муосир, ки дастовардҳои техникӣ афзун шудааст, хуб мешуд, ки ба ин масъала таваҷҷуҳ мешуд.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Дустзода Ҳамроҳхон Ҷумъа мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои назарраси илмии дессертант чор эрод манзур шудааст:

1. Ба назари мо, қисматҳои “Навовариҳои илмии таҳқиқ” ва “Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ” ба таҳриру такмил ниёз доранд, зеро дар онҳо на ҳама нуқтаҳои лозимӣ зикр гардидаанд.
2. Хубтар мебуд, агар номи боби дуюми диссертатсия ба монанди боби аввал дар шакли “Таҳқиқи сохтории таркиби луғавии ашъори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ” оварда мешуд. Ба гумони мо, дар номи боб истифодаи калимаи “устод” на он қадар мувофиқ аст.
3. Сарчашмаҳои илмии дар понавараҳи автореферат овардашуда ва таълифоти илмии муаллиф вобаста ба риояи аломатҳои китобат таҳрири ҷиддӣ мехоҳанд.
4. Дар авторефрат баъзан ғалатҳои имлоиву китобат ҷой доранд.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” Назаров Меҳрубон Ниёзмаҳмадович низ мусбат буда, дар он ба автореферати диссертатсия ду эрод гирифта шудааст:

1. Дар автореферати диссертатсия пасвандҳои зиёди калимасозро оварда, дар назми устод Рӯдакӣ муҳим будани мавқеи онҳо зикр мегардад, аммо ба таври васеъ танҳо пасванди –й/-гӣ баррасӣ шудааст (саҳ. 14-15). Хуб мебуд агар боз яке аз пасвандҳои дигар ҳам таҳқиқи васеътар мешуд.
2. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар расид, киислоҳи онҳо ҳусни корро меафзояд (саҳ.9,15,19).

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти, кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Амонова Муслима Нуровна, дар маҷмуъ, мусбат буда, дар он ду эрод манзур шудааст:

1. Дар кор аз ҷониби муҳаққиқ нишондодҳои зиёди оморӣ оварда шудааст. Хуб мебуд онҳо дар шакли нақша ва диаграммаҳо оварда мешуданд.
2. Дар матни автореферат баъзан ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ҳусни корро беҳтар мегардонад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- унвонҷӯ Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии маъмул ба омӯзиши масъалаҳои забонии ашъори боқимондаи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ пардохта, кори илмии аз нигоҳи забоншиносӣ арзишмандро **ба анҷом расонидааст**;

- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси матни “Девон”- и Рӯдакӣ, Душанбе, 2018.- 484 саҳ. сурат гирифта, эҷодиёти адиб дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард шудааст**;

- масъалаҳои вижагиҳои соматизмҳо, маънои аслию маҷозии соматизмҳо ва ҷойгоҳи калимаҳои марбут ба узвҳои бадани инсон дар осори устод Рӯдакӣ **муайян гардидаанд**;

- вижагиҳои таркиби луғавии осори устод Рӯдакӣ аз рӯйи сохтор ва нақши вандҳои калимасоз дар таркиби луғавии осори устод Рӯдакӣ муқоиса ва **муайян карда шудаанд**;

- хусусиятҳои қолибҳои калимаҳои мураккаб дар ашъори шоир, - табақабандии калимаҳо мутобиқи қабатҳои луғавӣ ва мақоми устод Рӯдакӣ дар ташаккули забони тоҷикӣ **таҳқиқу баррасӣ ёфтаанд**.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки масъалаи** маънои аслию маҷозии соматизмҳо ва хусусиятҳои онҳо, бавижа ҷойгоҳи калимаҳои марбут ба узвҳои бадани инсон **бори нахуст ба доираи таҳқиқ кашида шуда, дар ташаккули забони тоҷикӣ, ки ашъори устод Рӯдакӣ** дар саргаҳи ташаккули забони тоҷикӣ қарор дорад, дар таъйини вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии ашъори устод Рӯдакӣ метавонад нақши муҳим дошта бошад.

Таҳлилҳои анҷомёфта, аз лиҳози забоншиносӣ таснифу табақабандии ашъори Одамушшуаро Рӯдакӣ ва натиҷаҳои бадастоамада аз омӯзиши мавзуъ дар таъйини вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии ашъори Рӯдакӣ ва таъсири ашъори асосгузори адабиёти форсии тоҷикӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ, ки бармалост, лексемаҳои ифодакунандаи шахс ва сохтори сарфии вожаҳо заминаи муҳимми илмӣ дар замони мо низ муҳим мебошад. Натиҷаҳои дар заминаи баҳсҳои ҷудогонаи рисола бадастомада ва равишҳои пажуҳишии муҳаққиқро дар таҳқиқоти ҳамгун низ метавон ба кор гирифт.

Арзиши амалии диссертатсия аз он иборат аст, ки маводи дар рисола ҷамъовардашуда ва натиҷаҳои таҳқиқро ҳангоми навиштани мақола, таълифи рисолаҳои илмӣ оид ба вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии ашъори Рӯдакӣ, китобҳо оид ба рӯдакишиносӣ, таълиф ва мураттаб намудани китобҳои дарсию васоити таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо, мактабҳои миёна, омода кардани лексияҳо аз таърихи забоншиносии тоҷик дар асрҳои IX-X, курс ва семинарҳои махсус дар мактабҳои олӣ истифода кард.

**Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаи илмии донишмандону коршиносони ватанӣ, аз ҷумла** В. И. Абаев, В. В. Виноградов, Ф. О. Вакк, Ю.Апресян, В. В. Лопатин, В. С. Расторгуева, И. М. Оранский, И. С. Брагинский, А. Л. Хромов, Л. С. Пейсиков, Н. М. Шанский, Н. С. Жукова, Р. Ю. Мугу, Р. М. Вайнтрауб, Л. О. Кармишков, Е. А. Земская, А. А. Умняшкин, С. Айнӣ, Н. Маъсумӣ, Б. Камолиддинов, Ш. Рустамов, Р. Ғаффоров, Д. Тоҷиев, Д. Хоҷаев, М. Муҳаммадиев, М. Қосимова, Ғ. Ҷӯраев, Ҳ. Маҷидов, Д. Саймиддинов, Б-Н. Ғаффор, Ф. Амонова, Ф. Шарифова, О. Маҳмадҷонов, М. Мирзоева, С. Назарзода, М. Ҳ. Султон, Н. Шарофов, М. Саломиён, С. Раҳматуллозода, П. Нуров, З. Мухторов, Н. Гадоев, Қ. Мухторӣ, М. Н. Азимова, С. Мирзоев, А. Мирбобоев, Б. Тӯраев ва дигарон истифода шуда, дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ ба кор рафтаанд.

Дар диссертасия бо дарназардошти ашъори боқимондаи Рӯдакӣ ва корбасти калимот ва хусусиятҳои калимасозии ашъори шоир ва вобаста ба масъалагузориҳои мушаххас аз равишҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлилӣ ва муқоисавӣ, дастовардҳои ҷадиди забоншиносии муосири тоҷик ва ҷаҳон истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ мешавад**, ки аз мабоҳиси ҷудогонаи рисола, натиҷаҳои бадастомада ва равишҳои таҳқиқии бакоргирифтаи муаллиф дар раванди ҷустуҷӯҳо ва пажуҳишҳо дар самти калимасозӣ ва табақабандии калимаҳо мутобиқи қабатҳои луғавӣ метавон истифода бурд. Маводи диссертатсия ва хулосаҳои онро зимни навиштаи мақолаҳо ва таълифу таҳқиқи илмӣ оид ба масъалаҳои камомӯхтаи шеъри замони Сомониён, ҳангоми баррасии масъалаҳои алоқаманд ба адабиёти асри Х, хусусан дар самти баррасиҳои забоншиносонаи назми классикӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии забоншиносони хориҷию ватанӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби методҳои таҳқиқ бармеоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмиро** сатҳи дарки масъаалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуктаи назари ӯ нисбат ба мавзӯи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Тарҳ, баррасӣ ва корарду таҳлили мавзуи диссертатсионӣ маҳсули

ҷустуҷӯ ва фаъолияти илмии муаллиф мебошад. Саҳми фардии муаллиф дар гирдоварӣ ва таҳқиқи маводи зиёди илмию адабӣ доир ба зиндагӣ ва ашъори боқимондаи устон Рӯдакӣ ва дар ин замина бо далоили муътамад муайян намудани ҷойгоҳ ва мақоми ӯ дар калимасозӣ ва ташаккули забони форсии тоҷикӣ дар адабиёти мумтози тоҷик мушаххас мешавад.

Муаллиф дар таҳияи равиши илмии баррасии масъалаҳо, пешниҳоди усулҳо, таҳқиқи вожаҳои махсуси соматизмҳо, муайян кардани мақоми устод Рӯдакӣ дар рушди забони шеър, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ фаъолона иштирок кардааст.

**Диссертатсияи** Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01. – Забони тоҷикӣ) мувофиқат мекунад.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллои Рӯдакии АМИТ аз 14 майи соли 2024 дар бораи сазовор донистани Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 13 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2022, №307/шд), аз ҷумла 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) иштирок доштанд.

Аз 13 нафар аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор –13 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.Х.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Юсуфов У. А.

14. 05. 2024